«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**_______________ Сафарзода М.В.**
**«__12__» ________11______ соли 2025**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич таҳти унвони «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 -- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) 10 ноябри соли 2025 дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои додани тақриз чун муассисаи пешбар баррасӣ гардид.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., номзади илмҳои таърих, дотсентон Суфиев С.Н., Азамов Х.С., Сафаров Х.Х., Файзов Н.Н., доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих Холмуродзода М.Б., доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калон Ватанзода Ш.В. муаллимони калон Иброҳимзода З.И., Собирзода С.Р., Шамсияи Т., Алимов Қ., Орифов О.Ҷ. ва унвонҷӯёну докторантони PhD ширкат карданд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Дар бахши муқаддимавии диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле моҳирона ва муътақидона асоснок намудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи нақши шахсиятҳо дар таърих, махсусан чеҳраҳое, ки корномаашон метавонад боиси ифтихороти миллӣ бошад дар шароити давлатдории миллӣ як амри зарурист. Дар ин миён мавриди таҳқиқи қарор гирифтани нақши Қаҳрамони Тоҷикистон – Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX хело муҳим арзёбӣ мешавад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳими таҳқиқи таърихи Тоҷикистон, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст мавқеъ ва саҳми Нусратулло Махсумро дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва хулосаҳои амиқи илмӣ нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Натиҷаҳои хулосаҳои илмии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, инчунин дар таҳкими худшиносии миллии ҷомеа ва тарбияи ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки **мавзуи мазкур** бори аввал аст, ки ба таври илмӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии илмӣ қарор мегирад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи

мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули илми таърихи ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва дигар мутахассисон дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии худ истифода шаванд. Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраҳои муайян, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин иистифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ, хронологӣ-масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихияти илмӣ, методҳои таҳқиқӣ-муқоисавӣ, таҳқиқӣ-татбиқӣ, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо риояи принсипи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳо дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳими олимони шинохтаи илми таърих, коршиносони соҳаҳои гуногун ва ёддоштҳои шоҳидон эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабӣ истифода карда, баъди таҳлилу муқоисаҳои зиёди илмӣ

таҳқиқотро анҷом додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин ба зодгоҳи Нусратулло Махсум рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста бисёр тарафҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудаанд, ки ин аз эътибори илмии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад. Интишороти муаллиф шаҳодат медиҳанд, ки нуқтаҳои асосии муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии Маҳмудов Д. Х., инъикос ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар ҳаҷми 201 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, бо сохтори иборат аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон**» ном дошта, он аз 4 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал ***"Огози фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум"*** ҳаёт ва фаъолияти ибтидоии сиёсии Нусратулло Махсум баррасӣ гардидааст.

Аз ҷумла қайд мешавад, ки Нусратулло Махсум 1 июли соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Кизии бекигарии Қаротегин (ҳоло ноҳияи Рашт), дар оилаи деҳқон таваллуд шуда, дар мактаби деҳааш маълумоти ибтидоии динӣ гирифтааст. Аз сабаби тангдастӣ ӯ 8 соли умри худро ба ҳайси мардикор дар Фарғона гузаронд.

Пас аз бозгашт бо мақсади ба саодат расидани мардум дар барқарор намудани Ҳокимияти шуравӣ дар водии Қаротегин саҳм гирифт. Ҳамин тавр Нусратулло Махсум оҳиста – оҳиста ба вазифаҳои муҳимми давлатию ҷамъиятӣ ҷалб шуд.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия ***“Чараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ ва саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили ЧМШС Тоҷикистон”*** ном дошта, дар он рафти тақсимоти мазкур ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси ЧМШС Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Қайд мешавад, ки Нусратулло Махсум ҳамчун Раиси Президиуми КМИ Бухорои Шарқӣ зимни сафар ба Тошканд моҳи сентябри соли 1924, бо суратҷаласаи комиссияи тақсимоти ҳудудию миллӣ шинос шуда, доир ба натиҷаҳои он норозигии худро баён намуд. Эътирози худро дар шакли хаттӣ ӯ ба Котиби генералии КМ ҲКУ (б) И. Сталин баён кард.

Дар мактуби Нусратулло Махсум таъкид мешавад, ки комиссияи тақсимот масъалаи тоҷиконро ноодилона баррасӣ намудааст, бинобар ин, шомилшавии Тоҷикистон ҳамчун вилояти мухтор ба ҳайати Ӯзбекистон номумкин аст, зеро ин нақзи рӯирости манфиатҳои миллии тоҷикон ба худмуайянкунӣ мебошад. Дар баробари дигар омилҳо яке аз сабабҳое, ки барои тағйир ёфтани «вилояти мухтор» ба «ҷумҳурии мухтор» мусоидат кард, мактуби Нусратулло Махсумро ба КМ ВКП (б) ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар зербоби сеюми боби якум ***“Мақоми Нусратулло Махсум дар самти таҳким бахшидани сохтори идорию маъмурии ЧМШС Тоҷикистон”*** саҳми Нусратулло Махсум дар ташкил ва таҳкими низоми идорию маъмурии ЧМШС Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои 1924 – 1933 Нусратулло Махсум Раиси КИМ ЧМШС Тоҷикистон ва аз соли 1929 ЧШС Тоҷикистон буд. Маҳз дар ҳамин давра ҳама идораҳои маъмурӣ таъсис ёфтанд.

Дар зербоби чоруми боби аввали диссертатсия ***“Муборизаҳои Нусратулло Махсум дар раванди таъсисёбии ЧШС Тоҷикистон”*** мақсад гузошта шудааст, ки саҳми Нусратулло Махсумро дар таъсисёбии ЧШС Тоҷикистон муайян карда шавад.

Бояд эътироф кард, ки таъсиси ЧМШС Тоҷикистон аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт, аммо он тамоми ормону орзуи тоҷиконро амалӣ накард. Бинобар ин, соли 1928 Нусратулло Махсум ҳамроҳи чанд нафар соҳибмансабони баландпояи давлатию ҳизбӣ ба номи Бюрои сиёсии КМ ҲК (б) Русия таҳти унвони «Доир ба тақсимоти ҳудудӣ – миллӣ дар Осиёи Миёна» бо мактуб муроҷиат кард. Дар ин мактуб масъалаи поймол шудани манфиатҳои таърихии тоҷикон масъалагузорӣ мешавад.

Мақсади асосии мактуб дар он буд, ки тавассути роҳҳои мавҷуда адолати таърихӣ таъмин гардад ва бо ҳамин, ба таъсиси Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ мусоидат карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия **«Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон»** ном дошта, аз 3 зербоб иборат аст.

Зербоби якум ***"Ҳаракати зиддишуравӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ноил гардидан ба зиндагии осоишта"*** ба нақши Нусратулло Махсум дар таъмини зиндагии осоиштаи ҷомеа бахшида шудааст.

Дар зербоби мазкур аслан нақши Нусратулло Махсум дар саркӯб намудани қувваҳои зиддишуравӣ ё ба истилоҳ босмачиён дар қаламрави Бухорои Шарқӣ баррасӣ шудааст. Хулосаи муаллиф ба он анҷом меёбад, ки маҳз маҳви чунин қувваҳо барои рушди ҷумҳурӣ ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа мусоидат намуд.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатси ***"Раванди ба ватан баргардондани фирориёни бурунмарзӣ"*** ном дошта, дар рафти он саҳми Нусратулло Махсум дар самти ба ватан баргардондани муҳоҷирон нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки дар рафти амалиётҳои ҷанги шаҳрвандӣ як қисми аҳолии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки ба Афғонистон ҳиҷрат кунад. Муаллиф дар асоси адабиёти лозима саҳми Нусратулло Махсумро дар баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ дақиқ намудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ***"Нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ"*** нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаи замин ва танзими муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки Тоҷикистон дар рафти ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-ум зарари калон дид. Яке аз омилҳое, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекард, ин ҳалли дурусти дурусти раванди муҳоҷирати дохилӣ ба ҳисоб мерафт. Нусратулло Махсум бо гузаронидани чорабиниҳои зиёд дар ин самт низ тавонист ба муваффақиятҳо ноил гардад.

Боби сеюми диссертатсия **«Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ***"Нақши Нусратулло Махсум дар инкишофи саноат ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон"*** ном дошта, дар он саҳми

Нусратулло Махсум дар ташкил ва инкишофи саноату роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои рушди хочагии халқи ҷумҳурӣ дар ҳама соҳаҳо кор аз сифр оғоз гардид, зеро заминаи иқтисодии он хеле заиф буд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар давраи аввали роҳбарии Нусратулло Махсум солҳои 1925 – 1926 дар ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Фархор ва Шаҳритус заводҳои равғанкашӣ ва солҳои 1925 – 1929 бошад дар ҷумҳурӣ 8 заводи пахтатозакунӣ сохта ба истифода дода шуд. Бо ҳамин тартиб дар солҳои минбаъда низ бунёди корхонаҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***"Мақоми Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ"*** ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ муайян гардидааст. Дар диссертатсия зикр мешавад, ки бештари навгониҳои соҳа дар ин давра бешак ба номи Нусратулло Махсум, ҳамчун яке аз роҳбарони асосии ҷумҳурӣ иртибот мегирад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм **«Сарнавишти Нусратулло Махсум дар гирдоби сиёсии солҳои 30-юми асри XX»,** таъқиботи сиёсии солҳои 30-юм нисбати роҳбарияти ҷумҳурӣ, хусусан Нусратулло Махсум нишон дода шудааст нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки солҳои 30-юми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ таъқиботҳо ба авҷи худ расида, дар натиҷа, як қатор роҳбарони Тоҷикистон қурбони туҳмату дасисаҳо шуданд.

Аз соли 1933 сиёҳкунии фаъолияти Нусратулло Махсум оғоз ёфта, пасон он дар идораҳои дахлдор мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар натиҷа ин раванд идома ёфта оқибат ӯро душмани давлати шуравӣ ва яке аз думравони давлатҳои империалистӣ эълон доштанд.

5 декабри соли 1933 ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ ҲКТ (б) баргузор гардида, дар он хатоҳо ва каҷравиҳои роҳбарони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва А. Ҳоҷибоев дида баромада шуд.

Пленум Нусратулло Махсумро аз вазифаи Раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон ва А. Ҳоҷибоевро аз вазифаи Раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон озод кард.

Дар ҷаласаи Президиуми КМИ ИҶШС аз 1 августи соли 1937 Нусратулло Махсум аз сафи ҳизб ҳамчун «душмани халқ» хориҷ, 31 октябри ҳамон сол Суди Олии ИҶШС ӯро ба ҷазои олӣ – парондан ва мусодираи молу мулк ҳукм намуд. Ҳукми суд расман 1 ноябри соли 1937 дар шаҳри Маскав ба иҷро расид.

Ҳамин тавр, нахустин роҳбари Тоҷикистони Шуравӣ қурбонии тухмату бухтон гардид, аммо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номи неки ӯ ва дигар ҳамсафонаш барқарор гардид.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати саҳми Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX баҳри дар оянда давом додани омӯзиш дар ин самт оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Маҳмудов Д. Х. ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокқунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Маҳмудов Давлатшоҳ ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Ба нафъи кор мебуд агар дар диссертатсия аз мушоҳида ва таҳқиқотҳои алоҳидаи олимону коршиносони давлатҳои Ғарб истифода мешуд, зеро дар нигоштаҳои илмии эшон баъзе дидгоҳҳои нав вобаста ба фаъолияти Нусратулло Махсум ва ҳодисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX ба назар мерасад;
2. Дар зербоби дуюми боби як нақши Нусратулло Махсум дар раванди ҳодисаҳои сиёсии замон камтар таҳлил шудааст. Зарур аст, ки ин масъала бо такя ба маводҳои бойгонӣ бештар мавриди баррасии илмӣ қарор гирад;

3. Дар зербоби якуми боби дуюм, ки доир ба нақши Нусратулло Махсум дар мубориза ба муқобили қувваҳои босмачиён мебошад, муаллиф саҳми Н. Махсумро дар саркӯб намудани қувваҳои зиддишуравии водии Зарафшон, ки ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дохил мешуд, сарфи назар намудааст;
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия калимаҳое, ки бояд ҷудогона оварда шаванд ба ҳам пайваст омадааст;
5. Диссертатсия аз баъзе камбудиҳои имлоию техникӣ орӣ нест.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Холмуродзода Меҳрафруз Бурӣ омода гардидааст.

Дар ҷаласаи Такризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», протоколи №4, аз 10 ноябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

кафедра иштирок доштанд: 14 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, дотсент
мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Суфиев С.Н.

**Ташхисгар:**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз
рӯйи ихтисоси таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ Холмуродзода М.Б.,

**Котиби ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз
рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калони
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кулоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Ватанзода Ш.В.

**Суроғаи расмӣ:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.

Имзоҳои Суфиев С.Н. Холмуродзода М.Б., ва Ватанзода Ш.В.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.
«12» 11 2025